**Тақриз**

**ба фишурдаи рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович "Поэтикаи ашъори Гулназар" аз рӯйи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ Душанбе-2019**

Гулназар Келдӣ яке аз шоирони барҷастаи адабиёти муосири тоҷик мебошад, ки дар қатори адибони машҳури ин давраи адабиёт чун Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода,Ҷалол Икромӣ, Лоиқ Шералӣ ва дигарон дар дохилу хориҷи Тоҷикистон шинохта шудааст. Ҳамчун Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани шеъри Гулназар аз ҷанбаи иҷтимоии қавию устувор ва мазмуни баланди миллӣ доштани он дарак медиҳад.

Дар бораи хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ, ғоявӣ ва жанриву бадеии ашъори Гулназар аз оғози фаъолияти эҷодиаш то имрӯз, ки диккати муҳаккиқонро ба худ ҷалб намудааст, адабиётшиносон Холиқ Мирзозода, Абдураҳмон Абдуманнонов, Атахон. Сайфуллоев, Юсуф. Акбаров, Хуршеда Атахонова , Мирзо Муллоаҳмадов, Аскар Ҳакимва дигарон дар тақризу мақолаҳои алоҳидаи худ доир ба эҷодиёти Гулназар изҳори ақида намудаанд.

Эҷодиёти Гулназар дорои паҳлуҳои гуногуни ҳунарӣ ва ҷанбаҳои мухталифи ғоявӣ буда, ҳаматарафа омӯзишу пажуҳиши комилро тақозо дорад. Зеро то ба имрӯз дар илми адабиётшиносии тоҷик дар бораи ҳунари шоирӣ ва мушаххасоти ашъори Гулназар мунаккиде баҳогузорӣ нанамудааст.•Рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович "Поэтикаи ашъори Гулназар" то ба имрӯз ягона асари илмиест, ки дар он ба таври пурра ҳунари шоирӣ ва мавзӯоти ашъори Гулназарро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Рисолаи мавриди назар -"Поэтикаи ашъори Гулназар" аз муқаддима, се боб, 13 фаслу 2 зерфасл, хулоса ва китобнома иборат аст, ки ҳамагӣ 192 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима муҳаққиқ доир ба зарурати таҳқиқи мавзӯъ, методикаи таҳқиқот ва арзиши назариву амалии кор бо мисолҳои мушаххас маълумот додааст.

Боби аввали рисола "Мақоми Гулназар дар адабиёти муосири тоҷик" ном дошта, фарогири се фасл: “Назаре ба зиндагинома ва эҷодиёти Гулназар”, “Марҳилаҳои эҷодӣ, мавзӯъ ва мундариҷаи ғоявии шеърҳои

Гулназар” ва “Ҷанбаи иҷтимои ашъори Гулназар” мебошад. Диссертант дар ин боб доир ба ҳаёту эҷодиёт, мавзӯю мундариҷа ва ҷанбаҳои иҷтимоии ашъори шоир дар ду давра: замони Шӯравӣ(солҳои 1970-1990) ва замони истиқлолият(аз соли 1991 то имрӯз) изҳори назар намудааст.

Дар боби дуюми рисола, ки "Гулназар – шоири навгаро" ном дошта, аз шаш фасл иборат аст, муҳаққиқ навпардозиҳои Гулназарро дар сурудани ғазалу рубой ва дубайтӣ ба риштаи таҳкиқ мекашад. Инчунин, дар ин боб доир ба ҷойгоҳи шеъри озод ва сафед дар эҷодиёти Гулназар андешаҳои ҷолиби диккати муҳаққиқ оварда шудаанд, ки хеле бамавриданд.

Боби сеюми рисолаи мавриди назар " "Падидаҳои ҳунарӣ дар шеърҳои Гулназар " ном дошта, шомили чор фаслу ду зерфасл аст. Дар ин боб тозаҷӯиҳо ва падидаҳои хунарии Гулназар мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, муҳаққиқ бо мисолҳои аниқу дақиқ номбурдаро чун шоири суннатгаро ва навпардоз меҳисобад. Инчунин, дар ин фасли рисола доир ба мавқеи истифодаи санъатҳои бадеӣ дар ашъори шоир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Муҳаққиқ ташбеҳу истиора ва таззоду талмеҳҳои тозаи шоирро бо мисолҳои мушаххас пешкаши хонанда менамояд.

Дар қисмати хулосаи фишурдаи рисола диссертант хулосаҳои бадастовардаи худро аз натиҷаи тадқиқоти худ дар ёздаҳ қисм баён кардааст, ки ҷанбаи илмии қавӣ доранд ва натиҷаи тадқиқотро ба қадри имкон ҷамъбаст менамоянд.

Умуман, аз муҳтавои фишурдаи рисолаи муҳаққиқ Ҳамроев Равшанқул Замонович "Поэтикаи ашъори Гулназар” бармеояд, ки ӯ тавонистааст ба қадри имкон тахайюлоти шоиронаи Гулназарро дар алоқамандӣ бо дигар паҳлуҳои ашъори шоир ба риштаи таҳлилу таҳқиқ гирад ва дар ин ҷода комёб ҳам гардад.

Дар баробари комёбиҳо дар матни фишурдаи рисолаи Ҳамроев Равшанқул Замонович "Поэтикаи ашъори Гулназар" баъзе камбудиҳо ба чашм хӯрданд:

1. Мавҷуд будан баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ (саҳ. 5, 8, 21, )

2. Хуб мешуд, дар фасли "Гулназар – шоири навгаро" ҳангоми таҳлилу баррасии шеъри нимоӣ ва шеъри озод, ҳунари шоирии Гулназар дар сароидани ин қабил шеърҳо бо шоирони Эрон -Нодири Нодирур, Фурӯғи Фаррухзод, Нимо Юшич, Аҳмади Шомлу, ва монанди инҳо муқоиса мегардид.

3. Агар навгониҳои ғазалҳои Гулназар дар муқоиса бо шоирони дигар ҳамзамонаш дар фасли “Навпардозиҳои Гулназар дар жанри ғазал” баррасӣ мегардиданд, нуран алонур мешуд.

Бо вуҷуди доштани баъзе камбудиҳои ҷузъӣ рисолаи илмии Ҳамроев Равшанқул Замонович "Поэтикаи ашъори Гулназар” тадқиқоти комили баанҷомрасида буда, ба талаботи КОА ҶТ ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ мебошад.

Ҳикматов Ҷумъабой Ҳакимович

н.и.ф., мудири кафедраи забонҳои

ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ

e-mail: orif2216@mail.ru

тел: 935435329

Имзои Ҳикматов Ҷ.Ҳ.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШКваКМ Шарипова Д.А.